**“Тасдиқ шудааст”**
Бо қарори Шӯрои нозирони
Хазинаи суғуртаи амонату
пасандозҳои Тоҷикистон
№_13_, аз «_11__» __08__ с. 2023

# Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои ташкилотҳои қарзӣ ба Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон

Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои ташкилотҳои қарзӣ ба Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд - Тартиб) мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” (минбаъд – Қонун) таҳия гардида, тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботро барои ташкилотҳои қарзии аъзои Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд - Хазина) муқаррар менамояд.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Дар Тартиби мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **пардохтҳои тақвимӣ** – пардохтҳои ҳатмие, ки ташкилоти қарзӣ мутобиқи Қонун ҳар се моҳа пардохт менамояд;
- **пасандозҳои суғурташуда** - маблағи суратҳисобҳои амонату пасандозҳое, ки тибқи Қонун объекти ҳатмии суғурта мебошанд;
- **пасандоздор** - шахси воқеӣ, аз ҷумла соҳибкори инфиродӣ, инчунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми содакардашудаи баҳисобгириро истифода мекунанд ва бо ташкилоти қарзӣ шартномаи пасандози бонкӣ ё шартномаи суратҳисоби бонкӣ бастаанд.
- **субъекти соҳибкории хурд** – субъектҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми содакардашудаи баҳисобгириро (истифодабарандагони андози низоми содакардашуда) истифода бурда, маълумот оиди онҳо дар феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мавҷуд аст;
- **ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ** – ташкилотҳои ғайритиҷоратие, ки дар яке аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд.

2. Ташкилотҳои қарзӣ уҳдадоранд пешниҳоди ҳисоботҳоро ба Хазина тибқи тартиб, шакл ва муҳлати пешбининамудаи Тартиби мазкур таъмин намоянд.

3. Ташкилоти қарзие, ки дар он ҳолати суғуртавӣ ба вуқуъ омадааст, ҳисоботҳоро ба санаи ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ пешниҳод менамояд.

4. Ташкилоти қарзие, ки иҷозатномаи он бинобар барҳамдиҳии иқтиёрӣ бозхонд карда шудааст, ҳисоботҳоро то рӯзи бозхонди иҷозатнома пешниҳод менамояд.

## 2. Ҳисоботҳои ташкилотҳои қарзӣ

5. Ташкилотҳои қарзӣ ҳисоботҳои даврии зеринро тибқи шаклҳои замимагардидаи Тартиби мазкур ҳар семоҳа таҳия ва ба Хазина пешниҳод менамоянд:

- ҳисоботи шакли №1-Х "Маълумот дар бораи пардохтҳои тақвимии ташкилоти қарзӣ";

- ҳисоботи шакли №2-Х "Маълумот дар бораи сохтори пасандозҳои суғурташуда";

- ҳисоботи шакли №3-Х "Маълумот дар бораи амонату пасандозҳое, ки ҷуброн намешаванд".

## 3. Тартиби таҳияи ҳисоботи шакли №1-Х "Маълумот дар бораи пардохтҳои тақвимии ташкилоти қарзӣ"

6. Тибқи ҳисоботи шакли №1-Х "Маълумот дар бораи пардохтҳои тақвимии ташкилоти қарзӣ" аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ - узви Хазина пешниҳодшуда, андозаи маблағи пардохтҳои тақвимӣ муайян карда мешвад.

7. Ҳисобот аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ бо назардошти муқаррароти боби 3 Дастурамал "Дар бораи пардохтҳои ташкилотҳои қарзӣ ба Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон", таҳия карда мешавад.

8. Ташкилотҳои қарзӣ барои муайян кардани андозаи пардохтҳои тақвимӣ ҳуҷҷатҳои зеринро дар мухлати бо Тартиби мазкур муқарраршуда ба Хазина пешниҳод менамоянд:

- нусхаи (тасдиқшудаи) ҳисоботи тавозунӣ (моҳона);

- маълумот дар бораи пардохтҳои тақвимии ташкилоти қарзӣ тибқи ҷадвали 1 замимаи №1 ба Тартиб;

- маълумот дар бораи бақияи миёнаи ҳаррӯзаи тавозунии пасандозҳои суғурташуда тибқи ҷадвали 2 замимаи №1 ба Тартиб.

9. Ҷадвали 1 ҳисоботи шакли №1-Х маълумоти зеринро дар бар гирифта, ба таври зерин пур карда мешавад:

1) сутуни 1 - сохтори пасандозҳои суғурташуда мувофиқан аз рӯи пули миллӣ ва асъори хориҷӣ;

2) сутуни 2 - заминаи ҳисобкунии пардохтҳои тақвимӣ аз рӯи амонату пасандозҳои суғурташуда мувофиқан бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ.

Заминаи ҳисобкунии пардохтҳои тақвимӣ бақияи миёнаи ҳаррӯзаи тавозунии пасандозҳои суғурташудаи ташкилоти қарзӣ буда, он дар асоси Ҷадвали 2 "Маълумот дар бораи бақияи миёнаи ҳаррӯзаи тавозунии пасандозҳои суғурташуда" алоҳида бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ муайян карда мешавад.

3) сутуни 4 - маблағи ҳисобшудаи пардохтҳои тақвимии мувофиқан бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ бударо бо сомонӣ нишон дода, он ҳосили зарби маблағи заминавии ҳисобшудаи сутуни 2 ва андозаҳои пардохтҳои тақвимии дар сутуни 3 овардашуда, мебошад.

4) дар сутуни 6 - қурби расмии муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон барои асъори хориҷӣ дар охири рӯзи давраи ҳисоботӣ бо adaди яклухт ва ҳиссаи даҳҳазорякӣ (бо чор рақам пас аз аломати вергул, масалан 10,0000 сомонӣ) истифода ва нишон дода мешавад.

5) дар сутуни 7 - маблағи пардохтҳои тақвимӣ бо асъори пардохт (бо сомонӣ ва доллари ИМА) нишон дода мешавад.

10. Ҷадвали 2 ҳисоботи шакли №1-Х маълумоти зеринро дар бар гирифта, ба таври зерин пур карда мешавад:

1) дар сутунҳои 1–13 - сана ва бақияи ҳаррӯзаи тавозунӣ барои пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ аз рӯи суратҳисобҳои тавозунии 20202, 20212, 20216, 20220, 20226, 20230 ва бо аъори хориҷӣ аз рӯи суратҳисобҳои тавозунии 20206, 20214, 20218, 20222, 20228, 20232 дар семоҳаи ҳисоботӣ нишон дода мешавад;

2) дар сутунҳои 14–16 – ҷамъи маблағи пасандозҳои суғурташуда аз рӯи суратҳисобҳои тавозунӣ (сутуни 14) ва мувофиқан ҷамъи маблағи пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ (сутуни 15) ва бо асъори хориҷӣ (сутуни 16);

3) сатри охир - бақияи миёнаи арифметикии ҳаррӯзаи ҳисобҳои тавозунии сутунҳои 2-13 ва сутунҳои 14-16 дар семоҳаи ҳисоботӣ.

## 4. Тартиби таҳияи ҳисоботи шакли №2-Х “Маълумот дар бораи сохтори пасандозҳои суғурташуда”

11. Тибқи ҳисоботи шакли №2-Х “Маълумот дар бораи сохтори пасандозҳои суғурташуда” сохтори пасандозҳои суғурташуда аз рӯи моликияти маблағи бақияи амонату пасандозҳо ва аз рӯи тақсимоти он, инчунин ӯҳдадории суғуртавии Хазина дар назди пасандоздорони суғурташуда, муайян карда мешавад.

12. Ташкилотҳои қарзӣ ҳуҷҷатҳои зеринро дар муҳлати бо Тартиби мазкур муқарраршуда ба Хазина пешниҳод менамоянд:

- маълумот дар бораи сохтори пасандозҳои суғурташуда тибқи ҷадвали 1 замимаи №2 ба Тартиб;

- маълумот дар бораи маблағи пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ аз рӯи тақсимот тибқи ҷадвали 2 замимаи №2 ба Тартиб.

13. Дар ҳисобот маълумот оид ба шумораи пасандоздорон ва бақияи маблағи пасандозҳои суғурташуда ба ҳолати санаи охири семоҳаи ҳисоботӣ нишон дода мешавад.

14. Ҳамаи маблағҳо бо адади яклухт ва ҳиссаи садякӣ (бо ду рақам пас аз вергул, масалан 10,00 сомонӣ) нишон дода мешавад.

15. Дар ҳолате, ки бақияи маблағи пасандозҳои суғурташуда зиёда аз 0,50 сомониро ташкил диҳад, он гоҳ бақияи маблағи амонату пасандоз то як сомонӣ яклухт карда мешавад.

16. Маълумот оид ба маблағи амонату пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ нишон дода мешавад. Маблағи пасандозҳои суғурташуда бо асъори хориҷӣ аз рӯи қурби расмии муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон барои асъорҳои хориҷӣ дар рӯзи охири семоҳаи ҳисоботӣ ҳисоб карда мешавад. Қурби мубодилавии асъори хориҷӣ бо адади яклухт ва ҳиссаи даҳҳазорякӣ (бо чор рақам пас аз аломати вергул, масалан 10,0000 сомонӣ) истифода мешавад.

17. Ҷадвали 1 ҳисоботи шакли №2-Х маълумоти зеринро дар бар гирифта, ба таври зерин пур карда мешавад:

1) дар сутуни 1 - номгӯи амонату пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо категорияҳои зерин нишон дода мешавад:

- шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (пули миллӣ ва асъори хориҷӣ);

- соҳибкорони инфиродӣ (пули миллӣ ва асъори хориҷӣ);

- субъектҳои соҳибкории хурд (пули миллӣ ва асъори хориҷӣ);

- ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (пули миллӣ ва асъори хориҷӣ).

2) дар сутуни 2 - бақияи маблағи пасандозҳои суғурташуда мувофиқи маълумоте, ки дар ҳисобҳои тавозунӣ ва сабтҳои дахлдори ташкилоти қарзӣ инъикос ёфтааст, нишон дода мешавад;

3) дар сутуни 3 - шумораи ҳамаи суратҳисобҳои пасандозҳои суғурташуда нишон дода мешавад;

4) дар сутуни 4 - шумораи пасандоздорон бо шартҳои зерин нишон дода мешавад:

- агар як пасандоздор якчанд суратҳисобҳои амонату пасандоз (бо пули миллӣ ва ё асъори хориҷӣ) дошта бошад, он гоҳ дар сутуни мазкур ин суратҳисобҳо ҳамчун як суратҳисоби амонату пасандоз барои як пасандоздор ва шумораи пасандоздорон 1 нафар дониста мешавад;

- шумораи пасандоздорон аз шумораи суратҳисобҳои пасандозҳои суғурташудаи сутуни 3 камтар мебошад ё ин ки метавонад ба он баробар бошад;

- маълумот барои шумораи пасандоздорон бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар катакҳои ҷадвал бо рамзи “х” буда, пур карда намешавад.

- амонату пасандозҳое, ки дар суратҳисоби муштарак нигоҳ дошта мешаванд, ҳамчун як амонату пасандоз дониста мешаванд. Агар соҳиби суратҳисоби муштарак дар ташкилоти қарзӣ ҳисоби дигари амонату пасандоз дошта бошад, он гоҳ маблағи ҳиссаи пасандоздори амонату пасандози муштарак бо маблағи дигари ҳисоби амонату пасандоз якҷоя карда, ҳамчун як амонату пасандоз дониста мешавад.

18. Ҷадвали 2 ҳисоботи шакли №2-Х маълумот дар бораи маблағи пасандозҳои суғурташуда шахсони воқеӣ (а) ва шахсони ҳуқуқии дахлдор (б) аз рӯи тақсимот маълумоти зеринро дар бар гирифта, ба таври зерин пур карда мешавад:

1) дар сутуни 1 - амонату пасандозҳои суғурташуда аз рӯи тақсимоти 7 категорияҳои асосӣ бо сомонӣ нишон дода шудааст;

2) дар сутуни 2 - бақияи пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ аз рӯи тақсимоти категорияҳои додашуда бо пули миллӣ (сомонӣ) нишон дода мешавад;

3) дар сутуни 3 - бақияи пасандозҳои суғурташуда бо асъори хориҷӣ аз рӯи тақсимоти категорияҳои додашуда бо пули миллӣ (сомонӣ) нишон дода мешавад;

4) дар сутуни 4 - ҷамъи маблағи сутунҳои 2 ва 3 бо пули миллӣ (сомонӣ) нишон дода мешавад.

5) Дар сутуни 5 - шумораи пасандоздорон аз рӯи маблағи умумии пасандозҳои суғурташудаашон бо шартҳои зерин нишон дода мешавад:

- агар пасандоздор дар ташкилоти қарзӣ якчанд суратҳисоби амонату пасандоз дошта бошад, он гоҳ ин суратҳисобҳо ҳамчун як суратҳисоби амонату пасандоз барои як пасандоздор дониста мешаванд;

- уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди як пасандоздор ҳамчун бақияи маблағи умумии суратҳисобҳои пасандоздор алоҳида бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар як категорияи дахлдор тасниф ва нишон дода мешавад;

- дар қадами аввал, ташкилоти қарзӣ маблағи амонату пасандозҳои ҳар як пасандоздорро ҷамъ мекунад;

- ҳамчун қадами навбатӣ, ташкилоти қарзӣ маблағи ҷамъкардашудаи пасандоздорро ба яке аз 7 категорияи дар боло номбаршуда (бо назардошти маблағи умумии бо пули миллӣ ифодашуда) гурӯҳбандӣ менамояд;

- агар пасандоздор бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ амонату пасандоз дошта бошад, он гоҳ маблағи амонату пасандозҳои мазкур бояд дар доираи

ҳамон категорияи таснифшудаи маблағи умумии амонату пасандозҳо дар сутунҳои 2 ва 3 ҷадвал алоҳида нишон дода шавад;

- вобаста ба ин, ташкилоти қарзӣ бояд ҳамаи амонату пасандозҳои дигарро дар асоси мисолҳои дар поён овардашуда ба категорияҳои мувофиқ тасниф намояд.

<u>Мисоли 1:</u>

Пасандоздори "А" (шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ), тавре дар ҷадвали зер нишон дода шудааст, дар ташкилоти қарзӣ 3 суратҳисоби амонату пасандоз дорад, ки маблағи умумии он 34 910,0 сомониро ташкил медиҳад.

| **Намуди асъор** | **Маблағи амонату пасандоздори "А" (бо асъори пасандоз)** | **Қурби мубодилавии асъор** | **Маблағи амонату пасандоз (бо сомонӣ)** |
|---|---|---|---|
| Сомонӣ | 18 000,00 | 1 | 18 000,00 |
| доллари ИМА | 1 000,00 | 10,9100 | 10 910,00 |
| рубли русӣ | 50 000,00 | 0,1200 | 6 000,00 |
| **Ҷамъ:** | | | **34 910,0** |

Дар ин сурат, дар ҷадвалҳои 2 ҳисобот вобаста ба шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ будани пасандоздор (ҷадвали "а" ва ё "б"), маблағи умумии пасандоздори "А" дар категорияи сеюм "аз 20 000,01 то 35 000" сомонӣ (сатри 3 ҷадвал) тасниф карда шуда, дар категорияи мазкур маблағи амонату пасандозҳои пасандоздори "А" бо пули миллӣ ҳамчун 18 000,0 сомонӣ, бо асъори хориҷӣ ҳамчун 16 910,0 сомонӣ ва шумораи пасандоздор ҳамчун 1 нафар нишон дода мешавад:

| | Маблағи амонату пасандозҳои суғурташуда аз рӯи тақсимот (бо сомонӣ) | Маблағи пасандоздҳои суғурташуда бо пули миллӣ (сомонӣ) | Маблағи пасандоздҳои суғурташуда бо асъори хориҷӣ (сомонӣ) | Маблағи умумии пасандоздҳои суғурташуда (сомонӣ) | Шумораи пасандоздорон аз рӯи маблағи умумии пасандозҳои суғурташуда (нафар) |
|---|---|---|---|---|---|
| № | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 1 | аз 10,00 то 100 | | | | |
| 2 | аз 100,01 то 20 000 | | | | |
| 3 | аз 20 000,01 то 35 000 | 18 000,00 | 16 910,00 | 34 910,0 | 1 |
| 4 | аз 35 000,01 то 50 000 | | | | |
| 5 | аз 50 000,01 то 100 000 | | | | |
| 6 | аз 100 000,01 то 500 000 | | | | |
| 7 | зиёда аз 500 0000,01 | | | | |
| | **Ҳамагӣ** | | | | |

Мисоли 2:

Пасандоздори "Б", тавре дар ҷадвали зер нишон дода шудааст, дар ташкилоти қарзӣ 2 суратҳисоби амонату пасандоз дорад, ки маблағи умумии он 82 730,0 сомониро ташкил медиҳад.

| **Намуди асъор** | **Маблағи амонату пасандоздори "Б" (бо асъори пасандоз)** | **Қурби мубодилавии асъор** | **Маблағи амонату пасандоз (бо сомонӣ)** |
|---|---|---|---|
| Сомонӣ | 50 000,00 | 1 | 50 000,00 |
| доллари ИМА | 3 000,00 | 10,9100 | 32 730,00 |
| **Ҷамъ:** | | | **82 730,0** |

Дар ин сурат, вобаста ба шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ будани пасандоздор дар ҷадвалҳои 2 ҳисобот (ҷадвали "а" ва ё "б") маблағи умумии пасандоздори "Б" дар категорияи панҷум "аз 50 000,01 то 100 000" сомонӣ (сатри 5 ҷадвал) тасниф карда шуда, дар категорияи мазкур маблағи амонату пасандозҳои пасандоздори "Б" бо пули миллӣ ҳамчун 50 000,0 сомонӣ, бо асъори хориҷӣ ҳамчун 32 730,0 сомонӣ ва шумораи пасандоздоро ҳамчун 1 нафар нишон дода мешавад:

| | Маблағи амонату пасандозҳои суғурташуда аз рӯи тақсимот (бо сомонӣ) | Маблағи пасандоздҳои суғурташуда бо пули миллӣ (сомонӣ) | Маблағи пасандоздҳои суғурташуда бо асъори хориҷӣ (сомонӣ) | Маблағи умумии пасандоздҳои суғурташуда (сомонӣ) | Шумораи пасандоздорон бо маблағи умумии пасандозҳои суғурташуда (нафар) |
|---|---|---|---|---|---|
| № | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 1 | аз 10,00 то 100 | | | | |
| 2 | аз 100,01 то 20 000 | | | | |
| 3 | аз 20 000,01 то 35 000 | | | | |
| 4 | аз 35 000,01 то 50 000 | | | | |
| 5 | аз 50 000,01 то 100 000 | 50 000,00 | 32 730,00 | 82 730,0 | 1 |
| 6 | аз 100 000,01 то 500 000 | | | | |
| 7 | зиёда аз 500 0000,01 | | | | |
| | **Ҳамагӣ** | | | | |

## 5. Тартиби таҳияи ҳисоботи шакли №3-Х "Маълумот дар бораи амонату пасандозҳое, ки ҷуброн намешаванд"

19. Тибқи ҳисоботи шакли №3-Х "Маълумот дар бораи амонату амонату пасандозҳое, ки ҷуброн намешаванд", амонату пасандозҳое, ки дар асоси моддаи 24 Қонун аз ҷониби Хазина ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ ҷуброн карда намешаванд, муайян карда мешавад.

20. Ҷадвали 1 ҳисоботи шакли №3-Х маълумоти зеринро дар бар гирифта, ба таври зерин пур карда мешавад:

1) дар сутуни 1 - ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ ҳолатҳои пардохт накардани ҷубронпулӣ аз рӯи амонату пасандозҳои зерин нишон дода мешаванд:

- амонату пасандозҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст омадаанд ё амонату пасандозҳое, ки аз ҷониби суд ҳабс карда шудаанд;

- амонату пасандозҳое, ки аз рӯи хулосаи Бонки миллии Тоҷикистон вазъи молиявии ташкилоти қарзиро бад кардаанд;

- амонату пасандозҳои шахсони вобастаи (алоқаманди) ташкилоти қарзӣ, ки тибқи қонун муайян шудаанд, инчунин шахсоне, ки дар давоми соли охир то барҳамдиҳии ташкилоти қарзӣ чунин вобаста ҳисобида мешуданд;

- амонату пасандозҳои шарикони ширкати аудиторӣ, ки ба сифати аудиторҳои ташкилоти қарзӣ дар соли тақвимӣ пештар аз таърихи фаро расидани ҳолати суғуртавӣ ҷалб шуда буданд;

- амонату пасандозҳо, ки беш аз панҷ фоизи саҳмияҳои ташкилоти қарзиро бо гирифтани манфиат дар ихтиёр доранд;

- амонату пасандозҳое, ки дар филиалҳои хориҷии ташкилоти қарзӣ ҷойгир карда шудаанд;

- амонату пасандозҳои баробар ба ҳар гуна маблағи қарзи пардохтнашудаи пасандоздор дар назди ташкилоти қарзӣ;

- амонату пасандозҳо ба маблағи камтар аз 10 сомонӣ.

2) дар сутунҳои 2 ва 4 - шумораи амонату пасандоз – шахсони воқеӣ (шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ) ва шахсони ҳуқуқӣ (субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳот ғайритиҷоратӣ), ки аз ҷониби Хазина ҷуброн карда намешаванд, оварда мешавад.

3) дар сутунҳои 3 ва 5 - маблағи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Хазина ҷуброн намешавад бо пули миллӣ нишон дода мешавад.

21. Маълумот оид ба пасандозҳое, ки ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ аз ҷониби Хазина ҷуброн карда намешавад ба ҳолати санаи охири семоҳаи ҳисоботӣ нишон дода мешавад;

22. Маълумот оид ба маблағи амонату пасандозҳо бо пули миллӣ нишон дода мешавад. Маблағи пасандозҳои суғурташуда бо асъори хориҷӣ аз рӯи қурби расмии муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон барои асъорҳои хориҷӣ дар рӯзи охири семоҳаи ҳисоботӣ ҳисоб карда мешавад.

## 6. Муҳлат ва тартиби пешниҳоди ҳисоботҳо

23. Ҳисоботҳо бояд аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ҳар семоҳа дар муҳлати то санаи 15-уми баъди семоҳаи ҳисоботӣ анҷомёфта тибқи талаботи Тартиб пурра, дуруст ва сари вақт пешниҳод карда шаванд.

24. Агар рӯзи охири муҳлати пешниҳоди ҳисобот ба рӯзи истироҳат (ид ё рӯзи дигари ғайрикорӣ) рост ояд, рӯзи охирини пешниҳоди ҳисобот рӯзи аввалини кории пас аз рӯзи истироҳат меомада, ҳисобида мешавад.

25. Ҳар як ташкилоти қарзӣ бояд корманди масъулро барои тамос бо Хазина оид ба масъалаҳое, ки ба маълумотҳои дар ҳисобот инъикосёфта алоқаманд аст, вазифадор намояд.

26. Ҳисоботҳо дар шакли хаттӣ ва электронӣ бо зикри маълумоти дахлдор дар ҳисобот (номи ташкилоти қарзӣ, санаи пешниҳоди ҳисобот, давраи ҳисоботӣ, шахсони масъул ва рақами телефонии иҷрокунанда) ба Хазина дар муҳлати муқаррарнамудаи Тартиб пешниҳод карда мешаванд.

27. Ҳисоботҳо аз ҷониби роҳбари ташкилоти қарзӣ, сармуҳосиб ва корманди масъул (иҷрокунанда) ба имзо расонида, бо муҳр тасдиқ карда мешаванд.

## 7. Муқаррароти хотимавӣ

28. Назорати риояи талаботи Тартиби мазкур, санҷиши таҳияи дуруст ва пешниҳоди саривақтии ҳисоботҳо аз ҷониби Хазина ба роҳ монда мешавад.

29. Дар ҳолати сари вақт, пурра ва ё дуруст пешниҳод накардани ҳисоботҳо аз ҷониби ташкилоти қарзӣ, Хазина барои андешидани чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ нисбати ташкилоти қарзӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон дархост ирсол менамояд.

**Замимаи №1**
ба Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои ташкилотҳои қарзӣ
ба Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон

**Номи ташкилоти қарзӣ__________________**

## Ҳисоботи шакли №1-Х “Маълумот дар бораи пардохтҳои тақвимии ташкилоти қарзӣ” барои семоҳаи _____ с.20___

### Ҷадвали 1. Маълумот дар бораи пардохтҳои тақвимии ташкилоти қарзӣ ба Хазина

| № | Нишондиҳандаҳо | Заминаи ҳисобкунии пардохтҳои тақвимӣ* (бо сомонӣ) | Андозаи пардохтҳои тақвимӣ (бо%) | Маблағи ҳисобшудаи пардохтҳои тақвимӣ (бо сомонӣ) | Рамзи асъори пардохти пардохтҳои тақвимӣ | Қурби расмии мубодилаи асъор | Маблағи пардохтҳои тақвимӣ ба Хазина (бо асъори пардохт) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| 1 | Маблағи пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ | | 0,1 | | TJS | | |
| 2 | Маблағи пасандозҳои суғурташуда бо асъори хориҷӣ | | 0,3 | | USD | | |
| | **Ҷамъ** | **0,00** | | **0,00** | | | |

Роҳбар ______________________________
(ному насаб, имзо)

Сармуҳосиб _________________________
(ному насаб, имзо)

Ҷ.М.

Иҷрокунанда ____________________________
(ному насаб, имзо)

телефон: ________________________

Сана "_____" _________________20___ с.

**Номи ташкилоти қарзӣ___________________**

## Ҷадвали 2. Маълумот дар бораи бақияи миёнаи ҳаррӯзаи тавозунии пасандозҳои суғурташуда

| Сана | Номгӯи ҳисобҳои тавозунӣ | | | | | | | | | | | | Ҷамъи маблағи пасандозҳои суғурташуда | Маблағи пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ | Маблағи пасандозҳои суғурташуда бо асъори хориҷӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 20202 | 20206 | 20212 | 20214 | 20216 | 20218 | 20220 | 20222 | 20226 | 20228 | 20230 | 20232 | | | |
| **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** | **10** | **11** | **12** | **13** | **14** | **15** | **16** |
| на 01.хх. | | | | | | | | | | | | | | | |
| на 02.хх. | | | | | | | | | | | | | | | |
| на 03.хх. | | | | | | | | | | | | | | | |
| на 04.хх. | | | | | | | | | | | | | | | |
| на 05.хх. | | | | | | | | | | | | | | | |
| Бақияи миёнаи тавозунӣ дар семоҳаи ҳисоботӣ | | | | | | | | | | | | | | | |

Роҳбар ______________________________
(ному насаб, имзо)

Сармуҳосиб _________________________
(ному насаб, имзо)
Ҷ.М.

Иҷрокунанда ____________________________
(ному насаб, имзо)
телефон: ________________________

Сана "_____" ________________20___ с.

**Замимаи №2**
ба Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои ташкилотҳои қарзӣ ба Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон

**Номи ташкилоти қарзӣ_________________**

## Ҳисоботи шакли №2-Х "Маълумот дар бораи сохтори пасандозҳои суғурташуда"
## ба санаи ____________

**Ҷадвали 1.** **Маълумот дар бораи сохтори пасандозҳои суғурташуда**

| | Амонату пасандозҳои суғурташуда | Маблағи пасандоздҳои суғурташуда (бо сомонӣ) | Шумораи суратҳисобҳои пасандозҳои суғурташуда | Шумораи пасандоздорон (нафар) |
|---|---|---|---|---|
| № | 1 | 2 | 3 | 4 |
| **1** | **Шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (1.1.1 + 1.1.2)** | | | |
| 1.1.1 | бо пули миллӣ | | | Х |
| 1.1.2 | бо асъори хориҷӣ | | | Х |
| | аз ҷумла: | | | |
| 1.2 | Соҳибкорони инфиродӣ (1.2.1+1.2.2) | | | |
| 1.2.1 | бо пули миллӣ | | | Х |
| 1.2.2 | бо асъори хориҷӣ | | | Х |
| **2** | **Шахсони ҳуқуқӣ (2.1+ 2.2)** | | | |
| 2.1 | Субъектҳои соҳибкории хурд (2.1.1+2.1.2) | | | |
| 2.1.1 | бо пули миллӣ | | | Х |
| 2.1.2 | бо асъори хориҷӣ | | | Х |
| 2.2 | Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (2.2.1+2.2.2) | | | |
| 2.2.1 | бо пули миллӣ | | | Х |
| 2.2.2 | бо асъори хориҷӣ | | | Х |
| **3** | **Ҳамагӣ (1+2)** | | | |

Роҳбар ____________________________
(ному насаб, имзо)

Сармуҳосиб ______________________
(ному насаб, имзо)

Ҷ.М.

Иҷрокунанда __________________________
(ному насаб, имзо)

телефон: ______________________

Сана "_____" ________________20___ с.

**Номи ташкилоти қарзӣ__________________**

**<u>Ҷадвали 2.</u> Маълумот дар бораи маблағи пасандозҳои суғурташудаи шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ аз рӯи тақсимот**

| **(а)** | Маблағи амонату пасандозҳои суғурташудаи **шахсони воқеӣ** (шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ) аз рӯи тақсимот (бо сомонӣ) | Маблағи пасандоздҳои суғурташуда бо пули миллӣ (сомонӣ) | Маблағи пасандоздҳои суғурташуда бо асъори хориҷӣ (сомонӣ) | Маблағи умумии пасандоздҳои суғурташуда (сомонӣ) | Шумораи пасандоздорон бо маблағи умумии пасандозҳои суғурташуда (нафар) |
|---|---|---|---|---|---|
| № | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 1 | аз 10,00 то 100 | | | | |
| 2 | аз 100,01 то 20 000 | | | | |
| 3 | аз 20 000,01 то 35 000 | | | | |
| 4 | аз 35 000,01 то 50 000 | | | | |
| 5 | аз 50 000,01 то 100 000 | | | | |
| 6 | аз 100 000,01 то 500 000 | | | | |
| 7 | зиёда аз 500 0000,01 | | | | |
| | **Ҳамагӣ** | | | | |

| **(б)** | Маблағи амонату пасандозҳои суғурташудаи **шахсони ҳуқуқӣ** (субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ) аз рӯи тақсимот (бо сомонӣ) | Маблағи пасандоздҳои суғурташуда бо пули миллӣ (сомонӣ) | Маблағи пасандоздҳои суғурташуда бо асъори хориҷӣ (сомонӣ) | Маблағи умумии пасандоздҳои суғурташуда (сомонӣ) | Шумораи пасандоздорон бо маблағи умумии пасандозҳои суғурташуда (нафар) |
|---|---|---|---|---|---|
| № | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 1 | аз 10,00 то 100 | | | | |
| 2 | аз 100,01 то 20 000 | | | | |
| 3 | аз 20 000,01 то 35 000 | | | | |
| 4 | аз 35 000,01 то 50 000 | | | | |
| 5 | аз 50 000,01 то 100 000 | | | | |
| 6 | аз 100 000,01 то 500 000 | | | | |
| 7 | зиёда аз 500 0000,01 | | | | |
| | **Ҳамагӣ** | | | | |

Роҳбар ______________________________
(ному насаб, имзо)

Сармуҳосиб _________________________
(ному насаб, имзо)

Ҷ.М.

Иҷрокунанда ____________________________
(ному насаб, имзо)

телефон: _________________________

Сана "_____" _________________20___ с.

**Замимаи №3**
ба Тартиби таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои ташкилотҳои қарзӣ ба Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон

**Номи ташкилоти қарзӣ_________________**

## Ҳисоботи шакли №3-Х "Маълумот дар бораи амонату пасандозҳое, ки ҷуброн намешаванд"
## ба санаи _____________

| | Ҳолати ҷуброн накардани пасандозҳо | Шумораи амонату пасандоз - шахсони воқей* | Маблағи пасандозҳои шахсони воқей (бо сомонӣ) | Шумораи амонату пасандоз - шахсони ҳуқуқӣ* | Маблағи пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ (бо сомонӣ) | Ҳамагӣ шумораи амонату пасандозҳои шахсони воқей ва ҳуқуқӣ* | Ҳамагӣ маблағи пасандозҳои шахсони воқей ва ҳуқуқӣ* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| № | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| 1 | амонату пасандозҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст омадаанд ё амонату пасандозҳое, ки аз ҷониби суд ҳабс карда шудаанд | | | | | | |
| 2 | амонату пасандозҳое, ки аз рӯи хулосаи Бонки миллии Тоҷикистон вазъи молиявии ташкилоти қарзиро бад кардаанд | | | | | | |
| 3 | амонату пасандозҳои шахсони вобастаи (алоқаманди) ташкилоти қарзӣ, ки тибқи қонун муайян шудаанд, инчунин шахсоне, ки дар давоми соли охир то барҳамдиҳии ташкилоти қарзӣ чунин вобаста ҳисобида мешуданд | | | | | | |
| 4 | амонату пасандозҳои шарикони ширкати аудиторӣ, ки ба сифати аудиторҳои ташкилоти қарзӣ дар соли тақвимӣ пештар аз таърихи фаро расидани ҳолати суғуртавӣ ҷалб шуда буданд | | | | | | |
| 5 | амонату пасандозҳо, ки беш аз панҷ фоизи саҳмияҳои ташкилоти қарзиро бо гирифтани манфиат дар ихтиёр доранд | | | | | | |
| 6 | амонату пасандозҳое, ки дар филиалҳои хориҷии ташкилоти қарзӣ ҷойгир карда шудаанд | | | | | | |
| 7 | амонату пасандозҳои баробар ба ҳар гуна маблағи қарзи пардохтнашудаи пасандоздор дар назди ташкилоти қарзӣ | | | | | | |
| 8 | амонату пасандозҳо ба маблағи камтар аз 10 сомонӣ | | | | | | |
| | **Ҷамъ** | | | | | | |

Роҳбар ____________________________
(ному насаб, имзо)

Сармуҳосиб ______________________
(ному насаб, имзо)

Ҷ.М.

Иҷрокунанда ___________________________
(ному насаб, имзо)

телефон: ______________________

Сана "_____" _______________20___ с.